**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Нематуллоев Муродбек Музафарович дар кори таҳқиқотии хеш ба яке аз масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳ намуда, ба рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат пажӯҳиш намудааст. Унвонҷӯ дар кори таҳқиқотии гузаронидаи худ, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст. Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Ташаккули шахсияти дорои қобилияти баланди зеҳнӣ ва малакаю маҳорати зарурӣ маҳз аз муассисаҳои таълимӣ оғоз мегардад ва минбаъд дар раванди дарсҳои иловагӣ тақвият меёбад. Дар замони муосир таҳсилоти иловагӣ дар баробари дарсҳои асосӣ аҳамияти хеле муҳимро касб намудааст. Чунки дарсҳои иловагӣ ба хонандагон имкони мукаммалтар аз худ намудани мавзуъҳои таълимиро медиҳанд.

Дар ҳалли масъалаи мазкур муассисаҳои таълимӣ ниҳоди муҳими иҷтимоӣ ба шумор рафта, дар самти тарбияи хонанда ва самарабахш гардондани раванди таълим бо истифода аз усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа табдил ёфтааст.

Ҳадафи таҳқиқот муайян намудани усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ба ҳисоб меравад.

Бозёфти илмии рисолаи мазкур бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи муосири пажӯҳиш масъалаи усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагонро таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат дар муассисаи таълимӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷимоишавии хонандагон дар шароити муосир ошкор намудаст.

Рисолаи мазкур, аз муқаддима, ду бобҳо, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби якум "Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат" аз се фасл иборат буда, дар ин фаслҳо масъалаҳои лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот, усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат вобаста ба гуногунии навъҳои лаёқатмандӣ, инчунин принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин қисмат назари олимони ватаниву хориҷӣ доир ба падидаи лаёқатмандӣ, навъҳои он, роҳу усулҳои дарёфт ва кашфи кӯдакони болаёқат оварда шуда, назарияҳои гуногун қиёс гардидаанд.

Дар фасли якуми боби якум – "Масъалаи лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот" ҷанбаҳои илмию иҷтимоии масъалаи лаёқатмандӣ ва муҳиммияти дарёфт ва рушди лаёқатҳо баррасӣ шуда, хулосаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ ва нуктаҳои педагогикаи миллӣ оварда шудаанд.

Фасли дуюми боби якум – "Усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат. Навъҳои лаёқатмандӣ" ба баррасии моделҳои бисёромилаи лаёқат, таснифоти падидаҳои лаёқатмандӣ, усулҳои дарёфт ва рушди лаёқатмандӣ нигаронида шудааст. Дар ин фасл падидаи лаёқатмандӣ аз рӯи "дараҷаи шаклгирӣ" ба ду гурӯҳ – лаёқати мубрам ва лаёқати иқтидорӣ ва аз рӯи "дастовардҳо" низ ба ду гурӯҳ – лақати ошкор ва лаёқати кашфношуда тасниф гардида, роҳу усулҳои инноватсионии дарёфт ва ошкорсозии онҳо дида баромада шудааст.

Дар фасли сеюми боби якум – "Принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат" ҳадафҳои таълими хонандагони болаёқат, мутобиқати моделҳои дар фасли дуюми боби якум пешниҳодшуда ба ҳадафҳои таълим, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии синфҳои "яктаркиба" ва "бисёртаркиба" ва принсипҳои асосии кор бо хонандагони болаёқат оварда шудааст.

Боби дуюм – "Таълими иловагӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагони болаёқат" ном гирифта, дар он низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуда, масъалаи такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими

иловагӣ ва низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе баррасӣ гардидааст.

Дар фасли якуми боби дуюм – "Низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" паҳлуҳои назариявӣ ва амалии раванди ташкили дарсҳои иловагӣ, дастгирии педагогиву психологии он ва принсипҳои асосии банақшагирии таълими фанҳои алоҳида дар низоми таҳсилоти иловагӣ дар мисоли фаъолияти таълимиии Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор дода шудааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм – "Такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ" масъалаи нақши таълими иловагӣ дар муассисаҳои типи нав ва роҳҳои самаранокгардонии он баррасӣ шудаанд. Оварда шудааст, ки таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Дар фасли сеюми боби дуюм – "Механизми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе" таҷрибаи Гимназия дар самти омодасозии хонандагон ба озмуну олимпиадаҳои сатҳи гуногун тавассути таълими иловагӣ оварда шудааст. Ба андешаи муаллиф иштирок дар ҳаракати олимпӣ барои хонандагон хеле муҳим аст, зеро он: ба худшиносии онҳо мусоидат мекунад, донишҳои фанниро муайян, васеъ ва амиқтар мекунад, имкон медиҳад, ки хонанда доир ба касби оянда қарор қабул кунад.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиро истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими хонандагони болаёқат муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзиш усанҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба масъалаи мазкур банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ пухта кор карда шудааст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Нематуллоев Муродбек ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
муовини вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқзода Л.А.

Имзои Абдухолиқзода Лутфия Абдухолиқро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳои
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Ҳ.